# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

ш. Душанбе, 28.04.2017

**Лоиҳаи нави Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ба дастгирии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва маданиву маърифатии маҳкумшудагон ва собиқ маҳкумшудагон равона мешавад**

Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон лоиҳаи навро зери унвони «Ҳимояи ҳуқуқҳои маҳкумшудагон ва собиқ маҳкумшудагон»-ро дастгирӣ намуд. Лоиҳа дар доираи Барномаи «Ташаббуси Аврупо дар масоили демократия ва ҳуқуқи инсон» (EIDHR) амалӣ мешавад, ки дар заминаи нақшаи дастгирии Тоҷикистон асос ёфтааст. Лоиҳа аз ҷониби Институти ҳамкории байналмилалии Ассотсиатсияи донишгоҳҳои халқии Олмон (DVV International) дар якҷоягӣ бо ду шарики маҳаллӣ – ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» ва ТҶ «Ҷаҳон» татбиқ мегардад. Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо (75%) ва Вазорати Федеролии Олмон оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (25%) маблағгузорӣ мешавад.

Лоиҳаи мазкур давоми 2 сол ба ҳифзи ҳуқуқҳои яке аз гурӯҳҳои осебпазир - маҳкумшудагон ва шахсони аз маҳбас озодшуда, алалхусус барои амалишавии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии онҳо дар Тоҷикистон мусоидат карда, 450 нафар маҳкумшудагонро дар муассисаҳои ислоҳии 3/8 ш. Норак ва 3/6 ш.Ёвон, инчунин зиёда аз 800 шахсони аз маҳбас озодшударо дар 10 шаҳру марказҳои ноҳияҳои Тоҷикистон, аз ҷумла Душанбе, Хоруғ, Хӯҷанд, Қӯрғонтеппа, Ваҳдат, Бобоҷон Ғафуров, Восеъ, Панҷакент, Деваштич, ва Ҷайҳун фаро мегирад. Лоиҳа инчунин механизмҳои пешниҳоди машварат баҳри барқарорсозии мавқеи иҷтимоии шахсони аз маҳбас озодшуда, ки аз тарафи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои давлатӣ пешниҳод мешаванд, тавассути таҳия ва паҳн намудани нақшаи роҳнамои шахсони аз маҳбас озодшуда, тақвияти иқтидор ва таҳкими табодули иттилоот ва ҳамкории байни муассисаҳои пенитенсиарӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шабакаи марказҳои ҳуқуқӣ, марказҳои таълими калонсолон ва марказҳои шуғли аҳолиро беҳтар месозад.

Дар чорабинии ифтитоҳӣ мақсад ва вазифаҳои лоиҳа ба аҳли ҷомеа, ҷонибҳои манфиатдори эҳтимолӣ, ва мутахассисони бо гурӯҳҳои осебпазир (маҳкумшудагон, собиқ маҳкумшудагон) корбаранда пешниҳод мегарданд. Пешбинӣ шудааст, ки на камтар аз 30 нафар намояндагони сохторҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ВАО дар чорабинӣ иштирок намоянд. Дар маҷмӯъ, на танҳо кормандони ташкилотҳои манфиатдор, ки дар ташаккули муносибати таҳаммулпазирии ҷомеа нисбати маҳкумшудагон ва шахсони аз маҳбас озодшуда саҳм доранд, балки ҳамчунин онҳое, ки дар расонидани кӯмак дар барқарорсозии муносибатҳои иҷтимоӣ, пайдо кардани ҷои кор ва ташаккули ҳавасмандии устувори пайвастагӣ ба ҷомеа иштирок мекунанд.

Чорабинӣ санаи 28 апрели соли 2017 соати 9.00 дар толори Бинои Маркази тадқиқоти стратегӣ, 2 ошёна баргузор мегардад.

*Барои гирифтани маълумоти муфассал метавонед ба шахси зерин муроҷиат намоед:*
Зарина Холиқова, ҳамоҳангсози миллӣ, Намояндагии DVV International дар Тоҷикистон, khalikova@dvv-international.tj

---

Лоиҳа аз ҷониби

DVV International
Институти ҳамкории байналмилалии Ассотсиатсияи донишгоҳҳои халқии Олмон амалӣ мешавад.

Дафтари Намояндагӣ дар ҶТ
Суроға: кӯч. Лоиқ Шералӣ 3,
щ.Душанбе, Тоҷикистон, 734003
Тел.: (+992 37) 224 06 19, 224 06 20
Сомона: www.dvv-international.tj

Лоиҳаи мазкур аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад.

Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон

Суроға: кӯч. Адҳамов 74,
ш.Душанбе, Тоҷикистон, 734013
Тел.: (+992 37) 227 09 76, 227 09 74
Факс: (+992 37) 221 43 21

Сомона:http://eeas.europa.eu/delegations/tajikistan/index_en.htm

Лоиҳаи мазкур бо саҳмгузории

Вазорати федералии Олмон оид ба рушд ва ҳамкории иқтисодӣ амалӣ мешавад.